# ПРОТОКОЛИ №27
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-038

аз «09» 04 соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар азъои шуро 14 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 – нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз №318/шд 6-уми сентябри соли 2024 тасдиқгардида 14 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 – нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҷабзода Шухрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ Бобоев М.Т. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои биологӣ, Мирзораҳимзода А.К. номзади илмҳои биологӣ, Ҳисайнов Д.Э. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пншниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

Диссертатсияи Раҷабзода Шуҳрат Шералӣ (Назаров Шуҳрат Шералиевич) дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологӣ ва ҳолати экологии дарахту буттаҳои қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника ба ҳимоя қабул карда шавад.

1. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Наврузшоев Довудшо** – доктори илмҳои биологӣ, сарходими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Юсуфбекови АМИТ.
- **Мадаминов Абдулло Асрақулович** – номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири лабораторияи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.

2. Ба сифати **муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъин гардад.
3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
5. Таърихи баргузории ҳимоя "18" 06 2026 соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ,
профессор академики АМИТ — Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ., дотсент — Ҳамидзода Х.Н.